**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# БАРНОМАИ РУШДИ ФАКУЛТЕТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2026

**ДУШАНБЕ, 2022**

**Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 // зери назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе: «Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», 2022**

**Маълумот дар бораи мураттибон:**

**Ҷаъфаров С.Х.** – декани факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ, номзади илмҳои таърих;

**Шарипов А.Н.** – раиси Шурои методии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ, номзади илмҳои таърих;

**Салимов Ф.Н.** – мудири кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии ҶТ, номзади илмҳои таърих;

**Наҷмиддинов А.Ф.** – мудири кафедраи мутолиоти аврупоӣ, номзади илмҳои филологӣ;

**Розиқов Ф.М.** – мудири кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, номзади илмҳои таърих;

**Мамадазимов А.М.** – дотсенти кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, доктори илмҳои таърих;

**Раҳмонов М.А.** – мудири кафедраи мутолиоти Шарқ, номзади илмҳои филологӣ;

**Олимов М.А.-** профессори кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, доктори илмҳои таърих;

**Латифов Ҷ.Л.** – профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷӣ, доктори илмҳои таърих;

**Сатторзода А.** – профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷӣ, доктори илмҳои филологӣ;

# ФАСЛИ I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ФАКУЛТЕТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**1.1.** Факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази асосӣ ва пешбари таҳсилоти олии касбии муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар самти омода кардани мутахассисони болаёқати соҳаи равобити байналмилал, таҳқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масоили мубрами сиёсати хориҷӣ, мақоми намоёнро соҳиб мебошад. Факултети муносибатҳои байналхалқӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо, иҷрои барномаву стандартҳои давлатӣ ҳамчун сохтори таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, таъмини устувор ва босифати кадрҳоро дар мақомоти сиёсати хориҷӣ, ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва макотиби олии кишвар амалӣ месозад. Факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз замони таъсис то ба имрӯз дар самти омода намудани мутахассисони болаёқати соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ дар ҳамаи бахшҳои фаъолияти сиёсати хориҷӣ мавқеи пешсафро доро мебошад. Бо афзун гардидани шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ворид шудани Ҷумхурии Тоҷикистон ба фазои байналмилалии таҳсилот, пайдо шудани рақобати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, мақому мартабаи факултет коста нагардид, баръакс, тибқи арзишҳои миллии давлатдорӣ, дастовардҳои даврони соҳибихтиёрии давлатӣ, меъёрҳои бозори байналмиллалии меҳнат рушду нумӯъ намуд.

**1.2.** Имрӯз дар Факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ 60 нафар омӯзгорону кормандон кору фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 8 нафар доктори илм, профессор, 26 нафар номзади илм, дотсентон мебошанд. Пояи кадрӣ, илмӣ, зеҳнӣ ва моддӣ-техникии Факултети муносибатҳои байналхалқӣ имконият медаҳад, ки барои дар низоми таҳсилоти олӣ ворид намудани усулҳои нави таълим тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

**1.3.** Бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ворид шудани Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фазои байналмилалии таҳсилот дар сохтори факултет якчанд ихтисосҳои тахассусӣ оид ба омода намудани мутахассис оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, минтақашинос - роҳбалад, дипломат тарҷумон-референт, коршинос – таҳлилгар дар муносибатҳои байналмилалӣ таъсис дода шудаанд. Дар факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ бо

дарназардошти ихтисосҳои амалкунанда дар маҷмӯъ 700 нафар донишҷуён таҳсил менамоянд. Аз шумораи 700 нафари донишҷӯёни шуъбаи рӯзона - 352 нафар дар ихтисоси 1-23010100 (муносибатҳои байналхалқӣ); 176 нафар дар ихтисоси 1-23010106 (минтақашиносии хориҷӣ); 63 нафар дар ихтисоси 1-23010101 (сиёсати берунӣ ва дипломатия); 67 нафар дар ихтисоси 1-2301020305 (фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ) ва 42 нафар дар шуъбаи магистратура таҳсил менамоянд.

**1.4**. Дар сохтори факултет 5 кафедра фаъолият мекунанд, ки масъулиятӣ асосии пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявиро ба зимма доранд.

-кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ;
-кафедраи минтақашиносии хориҷӣ;
-кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-кафедраи мутолоти аврупоӣ;
-кафедраи мутолоти Шарқ;

**1.5.** Айни замон таълим дар факултет аз руйи низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

**1.6.** Бо дарназардошти саҳми муҳим доштани факултет дар инкишофи сиёсати хориҷии кишвар ҳамоно заруририяти таҳия, коркард ва қабули асосҳои бунёдии рушду инкишофи факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ ҷараён дорад.

**1.7**. Факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дорои сомонаи интернетӣ (www.mo.tnu.tj) ва саҳифаи фейсбукӣ мебошад, ки тавассути сомонаи худ аз ҳаёти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва фарҳангии факултет иттилоъ манзур месозад.

## ФАСЛИ II. ҲАДАФ, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАҲИЯИ БАРНОМА

**2.1.** Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**,** санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», аз 22.07.2013, №1004 (дар таҳрири охирин) аз 17.05.2018, №1527); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», аз 24.02.2017, №1394; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ», аз 19.05.2009, №531; Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, аз 29.09.2020, №526; Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ карда шудааст;

Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 25.02.2017, №94; Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2007, №349; Низомнома дар бораи низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Чумҳурии Тоҷикистон, аз 30.12.2016, №19/24; Роҳнамо оид ба коркард ва таҷдиди барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; Нақшаи стратегии рушди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025; «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ва таҳсилоти олии касбӣ таҳия шудааст.

**2.2**. Дар шароити муосир бо дарназардошти таъсири амиқи омилҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаи илм ва фарҳанг, тафовути фарҳангӣ-тамаддунии олами шарку ғарб, мушкилоти ҳамоҳангии андеша, назария ва арзишҳои ғарбгароёна ба муҳити миллии фарҳангӣ, зарурати анҷом додани корҳои арзишманд ва бунёдии илмӣ-таҳқиқотиро ба миён гузоштааст.

**2.3.** Дар ҳоли ҳозир талабот дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ва рақобатпазири бозори меҳнат, дорои донишҳои баланди назариявӣ, малакаи касбӣ ва дар руҳияи ҳифзи манфиатҳои давлату миллаат беш аз пеш эҳсос мегардад.

**2.4.** Дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун зарурати омода намудани мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, ки ҳаматарафа аз донишҳои замона бархурдор буда, дар руҳияи ватандустӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён меояд.

**2.5.** Мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ бояд нафароне бошанд, ки чиҳати муаррифии арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат ва миллат дар дохил ва хориҷи кишвар ҷидду ҷаҳд дошта бошанд.

**2.6.** Масъалаи боло бурдани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, омода намудани муттахассисони болаёқат ва ракобатпазири бозори меҳнат, боло бурдани сатҳи донишандузии донишчуён, тарбияи донишҷӯён дар руҳияи меҳанпарастӣ ва арҷгузории арзишҳои миллӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон карор доранд.

**2.7.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксар вохӯриҳову баромадҳои хеш зимни мулоқот бо намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа

ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар хусуси тарбияи кадрҳои миллии баландихтисос ва ҷавобгу ба стандартҳои байналмилалӣ масъалагузорӣ намуда, ба масъулин ҷиҳати иҷрои ин вазифаҳо дастур ва супоришҳои мушаххас медиҳанд.

**2.8**. Аз ин рӯ, факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои дар боло зикршуда, ҷиҳати ба миён овардани таҳаввулоти ҷиддӣ дар ҳаёти таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ таҳия ва қабули Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро барои солҳои 2022-2026 ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

**2.9.** Ин иқдом дар маҷмӯъ, барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати таълим, масъулияти омӯзгорон дар таълим ва тарбияи донишҷӯён, боло бурдани саводнокии донишҷӯён, тарбияи онҳо дар руҳияи меҳанпарастӣ, дарк ва хифзи манфиатҳои миллӣ нигаронида шудааст.

**2.10.** Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқӣ хуҷҷати асосии барномавии миёнамӯҳлат ва илман асосноке ба ҳисоб меравад, ки дар худ нақшаи дурнамо, мақсад, самтҳои афзалиятноки инкишофи илми муносибатҳои байналхалқӣ, омилҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудани усулҳои фаъол ва инноватсионӣ, технологияи иттилоотию иртиботии муосир дар раванди таълим ва тарбияро фаро мегирад.

**2.11**. Ҳадафҳои асосии барнома инҳоянд:

андешидани тадбирҳои муассир ва амалисозии ҷорабиниҳои мақсаднок ҷиҳати нигоҳ доштани нуфузу эътибори факултети муносибатҳои байналхалқӣ дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисос ва маркази омодасозии кадрҳои илмӣ, маркази хизматрасониҳои илмӣ ва таълимӣ;

- андешидани тадбирҳои мушаххас баҳри таъмини бозори дохилии меҳнат бо кадрҳои болаёқат, донишманд ва рақобатпазир;
- мусоидат намудан ба тақвияти ҳамкориҳои мутакобилан судманди корӣ бо мақомоти сиёсати хориҷӣ, ҳокимияти давлатӣ ва дигар ниҳоду сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- боло бурдани нақши кафедраҳои амалкунандаи факултет дар самти истифодаи усулҳои нави фаъол ва инноватсионӣ дар раванди таълим, боло бурдани сатҳу сифати донишандузии донишҷӯён;
- анҷом додани корҳои арзишманди илмӣ дар иртибот ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- истифодаи самараноки натиҷаҳои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар раванди таълим;

- мусоидат ба масъалаи ба роҳ мондани бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони факултет дар марказҳои бонуфузӣ илмӣ-таълимии ватанӣ ва хориҷӣ;

- тарбияи донишҷӯён дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, қадр намудани шаъну шарафи шаҳрвандӣ;

- ба роҳ мондани таҳқиқотҳои самараноки илмӣ дар самти ҳифз ва пос доштани арзишҳои миллӣ, ахлокӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- вусъат додани корҳои тарбиявӣ;

- конеъ гардонидани талаботи шахс ба инкишофи зехнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассиҳои олии таълимӣ;

- таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии таълимӣ, истелҳсолии донишҷӯёну магистрантҳо;

- баланд бардоштани сатҳи гузаштани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ;

- фаъолгардонии саҳми омӯзгорони ҷавон дар ҷараёни таълим, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои дарёфти грантҳо, бурсияҳо ва дигар сарчашмаҳои иловагии молиявӣ чиҳати омода кардани кадрҳои илмӣ, муҷҷаҳаз гардонидани раванди таълим бо технологияи иттилоотию иртиботӣ;

- таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоии омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантҳо, унвонҷӯён ва докторантҳои Phd;

**2.12.** Мақсади асосии таҳия ва қабули Барномаро таъмин намудани таҳсилоти замонавии мувофиқ ба стандартҳои байналмиллалӣ ва талаботи рушди Тоҷикистон ҳамчун қисми чудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узви комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, ташкил менамояд. Ҳамзамон таъсис намудани низоми устувори рушди инноватсионии факултети муносибатҳои байналхалқӣ баҳри амалӣ намудани имконияти илмӣ-таълимии факултет дар самти таъмини мутахассисон ва кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта мешавад.

**2.13.** Баҳри амалӣ гардидани ин мақсадҳо иҷро намудани вазифаҳои зерин ногузир аст:

- нигоҳ доштани нуфуз ва мавқеи факултет ба ҳайси маркази асосӣ ва пешсафи омодасозии кадрҳои баландихтисоси соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон;

- ба вуҷуд овардани низоми самарабахши кор дар бахши таълим ва тарбияи донишҷӯён;

- таҳким бахшидани неруи ақлонии факултет дар коркарди масоили афзалиятнок ва муҳими илмӣ, ки аз тарафи Шурои олимон ва Раёсати донишгоҳ муайян карда мешавад;

- татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдода дар ҷараёни таълим;

- коркарди механизми истифодаи таклифу пешниҳодҳои илмӣ дар самти рушди ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва байналмилалии кишвар;

- тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- мукаммал намудани пояи моддӣ-техникӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо мақсади таъмини ҳалли вазифаҳои афзалиятноки факултет, мувофиқати он бо талаботи замони муосир;

- ба вуҷуд овардани фазои мусоид ва солими корӣ миёни ҳайати омӯзгорону кормандони факултет;

- фароҳам овардани фазои эътимоду боварӣ, эҳтиром, таҳким бахшидан ба ғояҳои адолату накукорӣ, масъулияту дастгирии ҳамдигар.

## ФАСЛИ III. БАХШИ ТАЪЛИМ

**3.1.** Бахши таълим қисмати муҳим ва афзалиятноки “Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқӣ” ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, аз ҷумла таҳқиқ намудани самтҳои афзалиятноки илм дар шароити муосир, ҳамбастагии илм ва амалия, моҳияти илмӣ доштани раванди таълим, ворид намудани шаклҳо, усулҳо ва технологияи муосир дар раванди таълим, баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон дар раванди таълим ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён, алоқамандии таълим ва тарбия, беҳтар намудани шароити иҷтимоии омӯзгорону донишҷӯён, рушди истеъдод ва қобилияти донишҷӯ, баланд бардоштани нуфузи Донишгохи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботҳои муқарраршуда, таҳия шудааст.

**3.2.**Дар чаҳорчуби самти ишорашуда мақсади Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқиро боло бурдани сатҳи донишандӯзӣ ва таълим, ислоҳот ва такмил додани ҷараёни таълиму тадрис, омода намудани мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалии сатҳи баланди касбидошта ва рақобатпазири бозори меҳнат, ки аз донишҳои мукаммал бархурдоранд, ташкил медиҳад.

**3.3.** Баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои муайянгардида, омӯзгорони факултетро лозим аст, ки ҳамчун субъектони асосии амалисозандаи барномаи мазкур дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва тадрис

як қатор корҳоро анҷом диҳанд, зеро, то замоне ки омӯзгор мақсад ва натиҷаи фаъолияти худро маҳз дар самти боло бурдани дониш ва маънавиёти донишҷу дарк насозад ва ба он ҷидду ҷаҳд накунад, натиҷабахшии фаъолияти омӯзгории ӯ назаррас намегардад. Донишҷӯён бояд эҳсос намоянд, ки омӯзгорони онҳо дар воқеъ азму ният ва хоҳиши босавод кардани онҳоро доранд. Аз ин рӯ, ҳайати омӯзгорону кормандони факултетро лозим меояд, ки баҳри анҷом додани корҳои зерин сафарбар шаванд:

I). Дар самти таъмини сатҳи баланди сифати таълим, устувор намудани мавқеи факултет дар бозори хизматрасонии таълимӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, иҷро намудани вазифаҳои зерин талаб карда мешавад:

- то оғози соли таҳсил (нимсолаи соли таҳсил) омода намудани барномаҳои таълимии фаннӣ, матни лексияҳо, саволномаҳои фаннӣ, саволномаҳои тестӣ, слайдҳо, силлабусҳо (барномаҳои корӣ) ва дастрас намудани нусхаи электронӣ ва ё чопии он ба донишҷӯён;

- баҳри таъмин намудани раванди таълим таҳия ва коркарди корҳои илмӣ, таълимӣ ва методии босифат ва хусусияти инноватсионидошта;

- ворид намудани усулҳои фаъол ва технологияи муосир дар раванди таълим;

- таъмини иттилоотии раванди таълим;

- омода ва нашри китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ оид ба тамоми фанҳои дар нақшаи таълимии ихтисосҳои амалкунандаи факултет пешбинишуда;

- истифодаи босамари унсурҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар раванди таълим;

- андешидани тадбирҳо дар самти риояи қатъии интизоми меҳнат дар раванди таълим аз ҷониби омӯзгорон;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати комилан аз байн бурдани дарсшиканӣ;

**II).** *Ташкил, муҷаҳҳаз сохтан ва мақсаднок истифода намудани синфхонаҳои нав дар раванди таълим:*

- муҷаҳҳаз сохтани синфхонаҳои таълимӣ бо технологияи муосир (компютер, видеопроектор, тахтаҳои электронӣ ва ғайра);

- ташкил намудани китобхонаи электронӣ;

**III**). Ворид намудани технологияи нави таълимии ҷавобгӯ ба талаботи стандарти байналмилалии сифати таълим:

- таквият бахшидан ба низоми омода намудани мутахассисони сатҳи байналмилалӣ дар асоси барномаҳои фардии таълимӣ ва фарогирии доираи васеи донишҷӯён;

- бо истифода аз усулҳои фаъоли омӯзиш баланд намудани ҳиссаи азхудкунии фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён;

- тақвият бахшидан ба истифодаи воситаҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди дарсҳои лексионӣ ва амалӣ;

- таҳия ва чоп намудани воситаҳои нави таълимию методӣ барои амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ.

- бознигарӣ ва аз нав таҳия намудани барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо бо дарназардошти самтҳои афзалиятноки мавзуъҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ.

**3.4.** Баҳри мукаммал гардонидани ҷараёни таълим дар доираи модели таълимии бефосила вобаста ба самти афзалиятноки рушди фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсионии факултети муносибатҳои байналхалқӣ ба анҷом расонидани чунин корҳо мувофиқи мақсад мебошад:

- таъсис намудани самтҳои нави омодасозии кадрҳо ва тайёр намудани барномаҳои таълимӣ, ки ба талабот ва самти рушди афзалиятноки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд;
- таъсис намудани самтҳои нави тайёр намудани магистрҳо дар назди кафедраҳои тахассусӣ;
- ташкили бозомӯзии мутахассисон дар соҳаҳои нав вобаста ба талаботи замон;
- бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ ва зарурияти омода намудани кадрҳои самти муносибатҳои байналмилалӣ таъсиси ихтисосҳои нави таълимӣ;
- роҳандозӣ намудан ва амалӣ сохтани барномаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо иттиходияҳои касбӣ ва корфармоён;
- мусоидат ба фаъолияти марказҳои имлӣ ҳамчун шакли таълим ва усули омода намудани кадрҳои баландихтисос;
- дар иртибот ба талаботи тағйирёбандаи бозори меҳнат, инчунин бо мақсади таъмини рақобатпазирии факултет дар сатҳи дохилӣ ва

байналмилалӣ андешидани чораҳои мақсаднок баҳри густариши маҳорати созгории донишҷӯён ва омӯзгорон;

- дар раванди боло бурдани сифати таълим ва сатҳи донишандузии донишҷӯён истифода намудани усулҳо нави таълим мувофиқи мақсад мебошад. Ин усулҳо барои омода намудани мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ дар иртибот ба талабот ва дархости ҷомеаи имрӯза кумак менамоянд. Мақсад аз истифодаи навгониҳо ин модернизатсияи раванди таълим ҷиҳати омода намудани мутахассисони дорои донишҳои сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ, рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, муоширати баланди касбӣ, маҳсуб меёбад.

**3.5**. Усулҳои нави таълим бо дарназардошти ҷараён ва тамоюли рушди раванди таълим, аз қабили пайваста таҷдиди назар намудани маводи таълимӣ, мазмун ва мундариҷаи фанҳои тадрисшаванда, ворид намудани фанҳои нави таълимӣ, тавъам намудани таълим ва тарбия, алоқаи ногусастании таълим ва шахсият, дар як замон ба мондани таълим ва ташаккули шахсият, ташаккули донишҳо ва ғайраҳо ворид карда мсешавад.

**3.6**. Ворид намудани усулҳои замонавии таълим амалӣ намудани чунин чораҳоро тақозо менамояд:

- мунтазам ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод аз ҷониби омӯзгорони собиқадори факултет баҳри намоиш додан ва омӯзонидани омӯзгорони ҷавон бо усулҳои беҳтарини таълим ва тахассус;

- ба роҳ мондани низоми роҳнамоӣ ва додани машварат аз ҷониби профессорон ва олимони барҷастаи факултет ба омӯзгорони ҷавон дар самти ба нақшагирии машғулиятҳои дарсӣ, истифодаи усулҳои таълим, интихоб ва татбиқи технологияҳои муосир;

- мунтазам ташкил намудани ҷараёни иштироки мудирони кафедраҳо ва омӯзгорони собиқадор дар машғулиятҳои лексионӣ ва амалии омӯзгорони ҷавон, аз ҷумла ташкил намудани воридшавӣ ба дарсҳо дар доираи байни кафедраҳои тахассусӣ;

- даъват намудани олимони маъруфи донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ, кормандони ботаҷриба барои гузаронидани машғулияти лексионӣ ва амалӣ марбут ба масъалаҳои мубрами тахассусҳо, инчунин марбут ба масъалаҳои истифодаи усулҳои таълиму тадрис, равоншиносӣ, фарҳанг ва санъати сухан, ахлоқи касбӣ ва ғайра;

- пайваста такмил додани усулҳои замонавии омӯзиши раванди таълим;

- истифодаи самараноки усулҳои маъмул ва интерактивии таълим;

- таъсиси низоми кор бо донишҷӯёни соҳибистеъдод тавассути ташкил намудани чорабиниҳо, озмунҳо, гурӯҳои омӯзиши фарохтари барномаҳои таълимӣ ва ҳавасманд намудани донишҷӯёни соҳибистеъдод барои кор аз рӯйи тахассус пас аз хатми донишгоҳ, ҷалб намудани онҳо дар корҳои илмӣ;

- вусъат бахшидан ба низоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ, васеъ намудани амалияи истифодаи забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён, махсусан дар самти татбиқи меъёрҳои байналмилалӣ;

- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорону кормандон дар самти усули истифодаи технологияи муосир ва воситаҳои муосири иттилоотӣ-иртиботии раванди таълим;

- ташкил намудани семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конференсияҳо марбут ба истифодаи усулҳои муосири таълим;

- ба роҳ мондани мониторинги доимии сифати таълим тавассути низоми ягонаи рейтингӣ давомот, ташкил намудани амалияи гузаронидани имтиҳонҳои мустақил, назорати сифати таълим тавассути гузаронидани пурсишномаҳо (анкетаҳо):

- ворид намудани воситаҳои иттилоотӣ-иртиботии таълим, ҷадвали дарсҳои электронӣ, низоми китобхонаи электронӣ, дар шабакаи Интернет ҷойгир намудани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ, нашрияҳои электронӣ ва ғ.

**3.7.** Муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълимии факултет дар мақоми олии машваратӣ-идоракунии факултет Шурои олимон мавриди баррасӣ карор дода шуда, оид ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд, ки иҷроиши онҳо барои тамоми кафедраҳои тахассусӣ ва субъектони раванди таълим ҳатмӣ мебошад.

**3.8.** Шурои методии факултетро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим бо тавсияҳои судманди методӣ чораҳои дахлдор андешида, барномаҳои таълимӣ, барномаҳои васеи корӣ, (силлабусҳо), билетҳои имтиҳонӣ, саволномаҳои тестӣ, матни лексияҳоро бознигарӣ ва таҷдиди назар намуда, дар маҷмӯъ баҳри боло рафтани мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ чораҳои мушаххас андешанд.

**3.9.** Садорати факултет фаъолияти кафедраҳои тахассусӣ ва дигар сохторҳои таркибии факултетро дар самти амалишавии вазифаҳо

оид ба боло бурдани сатҳ ва сифати таълим ҳамоҳанг сохта, дар ҳусуси роҳандозӣ намудани тадбирҳои иловагӣ дар ин самт масъалагузорӣ менамояд.

## ФАСЛИ IV. БАХШИ ИЛМ

**4.1**. Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти факултетро анҷом додани корҳои илмӣ-тадкқиқотӣ ташкил менамояд. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраҳои тахассусии факултет бо дарназардошти ба инобат гирифтани муҳимияти масъалаи таҳқиқаванда дар рушди давлатдории миллӣ, мубрам будани онҳо дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд анҷом дода мешаванд, ки дар нақшаи илмӣ-таҳқиқотии ҳар як кафедра онро вобаста ба самт, масоил ва мавзуъ муайян ва тасдиқ карда мешаванд.

**4.2**. Ба ҳайси вазифаҳои асосии факултети муносибатҳои байналхалқӣ дар соҳаи илм баромад мекунанд:

- ошкоро будани фаъолияти факултети муносибатҳои байналхалии Донишголи миллии Тоҷикистон дар соҳаи илм;

- мутобиқ намудани фаъолияти илмии омӯзгорон ва донишҷӯён ба талаботи илмии замони муосир;

- фароҳам овардани шароити мусоид баҳри анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон андешидани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии иловагии молиявии омӯзгорон барои эҷод намудани асарҳои илмӣ ва таълимӣ;

- густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм;

- ташкил ва анҷом додани таҳқиқоти илмии бунёдӣ (фундаменталй);

- боло бурдани дараҷаи камолоти илмӣ-омӯзгории ҳайати омӯзгорони факултет, таъмин намудани омӯзиши онҳо дар самти усулҳои муосири таълим.

**4.3**. Ба сифати самтҳои афзалиятноки рушди илм дар факултети муносибатҳои байналхалқӣ баромад мекунанд:

***I). Боло бурдани сатҳи маҳорати касбии ҳайати омӯзгорони факултет.***

Чун шаклҳои бартаридошта дар боло бурдани сатҳи касб баромад мекунанд:

- бозомӯзӣ ва такмили таҷрибаомӯзии назариявӣ ва амалии омӯзгорони факултет дар муассисаҳои илмию-таълимии бонуфузи хориҷи кишвар;

- Омӯзиши амалияи ташкилоту муассисаҳо, мақомоти сиёсати хориҷӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, корхонаҳо ва ғ.;

- андешидани чораҳо оид ба такмили минбаъдаи китобхонаи илмии факултет ва таъмин намудани он бо адабиёти навини илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, нашрияҳои расмии мақомоти сиёсати хориҷии кишвар, рӯзномаҳо ва дигар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ-назариявии соҳавӣ;

**II).** Роҳҳои боло бурдани неруи илмии кафедраҳои тахассусии факултети –муносибатҳои байналхалқии ДМТ:

- андешидани чораҳо баҳри саривақт омода ва дифоъ намудани рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм аз рӯйи ихтисос.

- таҳия ва кабули нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳои факултет барои солҳои 2021-2025 бо дарназардошти дастовардҳои навини илми муосир ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа;

- ташаккули мактабҳои илмии кафедраҳои тахассусии факултет.

- Дар ин самт тақвият бахшидан ба фаъолияти омӯзгорони факултет дар самти ширкат ва маърӯза намудан дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ. Дар сурати ширкат намудан дар чорабиниҳои илмӣ дар хориҷи кишвар омӯзгорони факултетро лозим аст, то мувофиқ будани мавзӯи чорабиниро бо мавзӯи таҳқиқоти илмии худ ба инобат гиранд;

- дар доираи самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба нақша гирифтан ва баргузор намудани Форумҳои байналмилалӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумхуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо, интернет-конференсияҳо, конференсияҳои фосилавӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ ва таълимии кишварҳои хориҷӣ;

- самти дигари муҳими фаъолияти илмии факултетро иштирок намудани омӯзгорон дар кори Шуроҳои диссертатсионӣ ва баромад намудан ба ҳайси муқарризи расмии рисолаҳо ташкил медиҳад. Рисолаҳои илмӣ ва авторефератҳои ба омӯзгорон-муқарризон пешниҳодшаванда,

ҳамчунин такризҳо ба онҳо бояд дар ҷаласаҳои кафедраҳои марбута, ҷаласаҳои муштараки кафедраҳои тахассусӣ мавриди муҳокима қарор дода шаванд.

- тақвият бахшидан ба кори семинари илми-назариявии муҳаққиқони ҷавони факултет;

- афзун гардонидани самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорону кормандони факултет аз нигоҳи мазмун, сифат ва шумора. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи омӯзгорони факултет бояд дар таҳия ва нашри монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ифода ёбанд. Таваҷҷуҳи хоса ба нашр намудани мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳое, ки шомили рӯйхати Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия мебошанд ва ба низоми ИРИИ (индекси руссиягии иқтибослои илмӣ) дохил карда шудаанд, дода шавад.

- вусъат бахшидан ба анҷом додани таҳқиқоти илмӣ- амалӣ дар доираи бурсияҳо, созишномаҳои ҳамкорӣ ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷавӣ. Дар робита ба ин масъала зарур аст, ки мавзуъҳои афзалиятноки таҳқиқотӣ, соҳаҳои истифода (татбиқ) шудани натиҷаи онҳо муайян карда шуда, дар ин робита бо мақомоти сиёсати хориҷӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ ҳамкории судманд роҳандозӣ карда шавад.

- бо дарназардошти имконоти мавҷуда таъсис додани Шӯроҳои диссертатсионии низоми анъанавӣ ва доктор Phd аз рӯйи ихтисосҳои минтақашиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ.

- истифодаи мақсадноки бахши докторантура дар самти тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ. Докторантҳоро зарур аст, ки дар мавзӯъҳои афзалиятнок ва арзишманде, ки барои рушду инкишофи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон созгоранд, таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд.

- тайёр намудани кадрҳои илмӣ тавассути магистратура ҷоннок карда шуда, ҷалби магистрантон ба кафедраҳои тахассусӣ бо дарназардошти риояи Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки магистрантон аз ҳисоби хатмкунандагони фаъоли факултети муносибатҳои байналхалқӣ, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд, забони давлатӣ ва хориҷиро хуб медонанд, ҳисси баланди ватандӯстиву масъулиятшиносӣ доранд, ҷалб карда шаванд. Магистрантонро зарур аст, ки дар мавзӯъҳои афзалиятнок ва арзишманде, ки барои рушду инкишофи

соҳаҳои алоҳидаи сиёсати хориҷии кишвар созгоранд, таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд.

- кафедраҳои тахассусӣ омода намудани кадрҳои илмӣ-соҳавиро тавассути институти унвонҷӯйии зери назорати ҷиддӣ қарор дода, ба ҳайси унвонҷӯй шахсони болаёқат, донишманд, тафаккури илмӣ-интиқодӣ доштаро ҷалб намоянд. Унвонҷӯён вазифадоранд, ки дар мавзуъҳои мубрами самти муносибатҳои байналмилалӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд.

- омӯзгорони соҳибтаҷриба ва соҳибмактаб (профессорон ва дотсентон) метавонанд маҳфилҳои илмии инфиродии худро таъсис дода, ба ин васила доираи муайяни донишҷӯёнро ба таҳқиқи мавзӯъҳои алоҳидаи илмӣ ҷалб намоянд.

- дар мувофиқа бо Раёсати Донишгоҳ ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**III).** Омода намудани донишҷӯён барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ:

- яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултетро таъсис ва фаъолияти ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии назди кафедраҳо ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ ҷамъияти илмии донишҷӯён фаъолияти маҳфилҳон илмии назди кафедраҳоро муттаҳид менамояд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки хело бармаҳал ҳанӯз аз овони донишҷӯён дар рӯҳияи анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тарбия карда шаванд. Ба ин хотир онҳо метавонанд фаъолияти худро дар ин ва ё он маҳфилҳои илмии назди кафедраҳо ба роҳ монанд. Донишҷӯён имкон доранд, ки таҳти роҳбарӣ ва машварати роҳбарони илмии хеш аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба ва унвони илмидошта ба таҳқиқу баррасии мавзӯҳои рӯзмарраи сиёсати хориҷӣ машғул шаванд, дар иртибот ба ин масъала корҳои курсӣ, рефератҳо, маърӯзаҳои илмӣ, корҳои озмунӣ, рисолаҳои дипломӣ таҳия намоянд.

- садорати факултет ва кафедраи тахассусӣ қобилияту истеъдоди донишҷӯёнро ба инобат гирифта, бо дарназардошти имконоти мавҷуда метавонанд онҳоро барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба зинаи таҳсилоти магистратура ҷалб намоянд. Фаро гирифтани донишҷӯён ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз чунин вазифаҳо иборат мебошад:

1) ҳамгироии равандҳои илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ;

2) ташаккули малакаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар ниҳоди донишҷӯён;

3) шиносоии донишҷӯён бо методологияи илмии муосир;

4) ташаккули малакаи кор бо адабиёти илмӣ;

5) ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет;

**4.4**. Дар раванди таълим истифода намудани технологияҳои муосири таълимӣ бо мақсади ташаккулёбии малакаҳои ибтидоии мустақилонаи ташкил ва анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. Дар робита ба ин, истифодаи шаклҳои зерини омӯзишӣ бо унсурҳои зерини таҳқиқоти илмӣ ба роҳ монда мешавад:

- гузаронидани семинарҳои илмӣ-методӣ дар заминаи кафедраҳои факултет, сафарбар намудани донишҷӯёни курсҳои якум ба Китобхонаи миллӣ бо мақсади ташаккул бахшидан ба малакаи кор бо адабиёти илмӣ, пойгоҳ (маҳзан)-и маълумот, феҳристҳои библиографӣ ва аз худ намудани усулҳои тайёр ва навиштани маърӯзаҳои илмӣ, корҳои курсӣ, дипломӣ ва ғайра;

- гузаронидани семинарҳо роҷеъ ба шарҳи адабиёти илмии ба мавзӯъҳои гуногун ва қисматҳои фанни таълимӣ алоқамандбуда;

- додани машварат оид ба иҷро намудани рефератҳо, корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ;

- гузаронидани конференсияи илмӣ-таълимӣ барои донишҷӯён дар интиҳои соли таҳсил;

**4.5.** Корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, ки раванди таълим ва тадрисро мукаммал менамояд:

- мусоидат намудан ба маҳфилҳои илмии донишҷӯёни назди кафедраҳои тахассусии факултет;

- мусоидат ва ҳамоҳангсозии Ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултет. Самти асосии фаъолияти Ҷамъияти илмии донишҷӯён бояд чунин бошад: иштирок дар ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳои корҳои илмии донишҷӯён, ҷалби донишҷӯён барои ширкат дар конференсияҳо ва олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун;

- номгӯи беҳтарин мақолаҳои илмии донишҷӯён ва нашри он дар маҷаллаҳои илмии факултет ва донишгоҳ;

- иштироки донишҷӯён дар конференсияҳои илмӣ, олимпиадаҳо ва озмунҳо;

- ташкил ва гузаронидани конференсияи илмӣ-амалии солонаи донишҷӯён ва олимони ҷавони факултет (апрел);

- ташкили озмун байни донишҷӯёни факултети муносибатҳои байналхалқӣ барои бехтарин кори курсӣ (ҳар сол дар моҳи май ва июн);

- ташкил ва гузаронидани «Рӯзи илми донишҷӯ»;

гузаронидани озмӯни «Бехтарин донишҷӯи сол» аз рӯйи натиҷаҳои иштироки донишнуён дар фаъолияти илмии факултети муносибатҳои байналхалқӣ (ҳар сол дар моҳи май ва июн);

- муайян намудани донишҷӯёни лаёқатманд ва дастгирии донишҷӯёне, ки кушиши идомаи таҳсил дар магистратураро доранд, мусоидат ба донишҷӯён дар интихоби масоили таҳқиқоти рисолаи оянда ва интихоби маводи таҳқиқотӣ;

- таъсис додани махзани маълумот дар кафедраҳои тахассусии факултет бо мақсади расонидани ёрии илмӣ-методӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён;

- ташкил намудани махзани электронии беҳтарин нашрияҳои илмии донишҷӯён;

- ҷойгир намудани маводҳои иттилоотӣ оид ба чорабиниҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён дар ВАО ва сомонаи факултети муносибатҳои байналхалқӣ.

## ФАСЛИ V. БАХШИ ТАРБИЯ

**5.1.** Фаъолияти тарбиявӣ фарогири қисми таркибии Барномаи рушди факултет маҳсуб меёбад. Мақсади фаъолияти тарбиявии факултети муносибатҳои байналхалқиро тарбияи донишҷӯёни факултет дар рӯҳияи меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, бовиҷдонӣ, эҳтироми омӯзгорон, калонсолон ва ҳамсабақон тавассути амалӣ намудани низоми чораҳои мақсадноки тарбиявӣ, ташкил медиҳад.

**5.2.** Мутобиқ ба ин ғояҳо тарбияи донишҷӯён тавассути чораҳои тарбиявии мақсадноки ахлоқӣ ва маънавӣ ба амал баровarda мешавад. Низоми тарбия дар ҳамбастагӣ бо тарбияи сиёсӣ, меҳнатӣ ва маънавӣ бунёд меёбад. Амалишавии низоми тарбия ҷалб гардидани анъанаҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ, мероси маънавӣ, анъанаҳои сиёсати хориҷиро тақозо менамояд. Корҳои тарбиявӣ миёни донишҷӯён пайваста, мутассил ва мақсаднок ба роҳ монда мешавад. Тарбияи донишҷӯён метавонад пас аз хатми донишгоҳ роҳандозӣ карда шавад ва ба ин мақсад хатмкунандагони факултети муносибатҳои байналхалқӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар ташаккул ва густариши сиёсати хориҷии кишвар метавонанд саҳмгузор бошанд.

**5.3.** Ба сифати чораҳо ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти тарбиявӣ баромад менамоянд:

- тарбияи донишӯ дар руҳияи ватандустӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ, муқаддас донистани тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон;

- риоя намудани тартиботи дохилии донишгоҳ ва қоидаҳои донишҷӯӣ;

- аз истифодаи телефонҳои мобилӣ дар бино ва саҳни донишгоҳ катъиян худдорӣ намудан;

- тарбияи донишҷӯён дар руҳияи иҷрои бемайлони Дастурамали сару либосҳои намунавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ бо дарназардошти самтҳои афзалиятноки вусъат додани корҳои тарбиявӣ миёни донишҷӯён ҷоннок карда шавад. Дар ин росто ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, ки сарпарастони гурӯҳҳои академӣ оид ба тамоми паҳлуҳои фаъолияти донишҷӯён соҳибиттилоъ буда, пайваста аз аҳволи онҳо бохабар бошанд;

- ба роҳ мондани дарсҳои тарбиявӣ ба мавзуъҳои рӯзмарраи ҳаёти тарбиявӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди корӣ бо волидайни донишҷӯён дар партави иҷрои талаботи «Қонуни чумхурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»; - ҷалби падару модари донишҷӯён дар самти азхудкунии дарсҳо, рафтор ва одоби муошитари донишҷӯ ва дар баланд бардоштани сифат ва сатҳи донишандӯзӣ;

- андешидани чораҳои муассир дар самти таъмини иштироки донишҷӯён ба дарсҳо;

- тарбияи донишҷӯён дар руҳияи муносибати оштинопазир бо равияҳои сиёсӣ-динии хусусияти ифротгароӣ ва радикалидошта, раҳоӣ бахшидани донишҷӯ аз хурофот ва таассуб;

- вусъат додани корҳои фахмондадиҳӣ оид ба масъалаҳои саривақт ҳозир шудан ба дарс бо худ доштани ҷузвдон, китобу дафтар ва дигар лавозимоти таълимӣ, риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳ, бо автомашинаҳои шахсӣ ҳозир нашудан ба Донишгоҳ;

- худдорӣ намудан аз кашидани носу сигор, нушокиҳои спиртӣ, маводи мадҳушкунанда, офтобпараст, сақич дар ҳудуди донишгоҳ ва хобгоҳҳо;

- риоя намудани талаботи шартномаи бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба имзо расонидаи дутарафа ва сетарафа;

- вусъат бахшидан ба иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ;

- мунтазам бохабар шудан аз шароити зисту зиндагонии донишҷӯ дар хобгоҳ;

- ташаккули фарҳанги баланди ахлокии донишҷӯён;

- ташвиқ намудани тарзи ҳаёти солим, ҷалби донишҷӯён ҷиҳати иштирок ба чорабинҳои оммавии варзишӣ;

- ташкил намудани вохуриҳо бо собиқадорони соҳаи сиёсати хориҷии кишвар;

- тарбияи донишҷӯён дар руҳияи муносибати некбинона бо хонаҳои кудакони бесарпараст ва маъюб, муассисаҳои бачагона;

- мусоидат намудан ба рафтани донишҷӯён ба театрҳо, осорхонаҳо, намоишгоҳҳо;

- мусоидат намудан ба баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, адабӣ бо ҷалби адибон ва аҳли зиё;

- вусъат додани корҳои фахмондадиҳӣ ва тарғиботӣ оид ба нашрияҳои илмӣ, таълимӣ ва кор дар китобхона, маҳзани китобҳо ва ғ.;

- ба роҳ мондани маҳфили зеҳнии донишҷӯён;

- тарбия намудани донишҷӯ дар хусуси муносибати эхтиёткорона бо моликияти давлатӣ, донишгоҳӣ дар хобгоҳ;

- тарбияи завқи эстетикии донишҷӯён;

- гузаронидани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар хусуси пешгирии бемориҳо сирояти ва ВНМО;

- гузаронидани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ марбут ба пешгирӣ сохтани омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз қабили нашъамандӣ, майпарастӣ, малаҳгарой, омилҳои коррупсионӣ ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон;

- ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандустии донишҷӯён;

- дастгирии ташаббусҳои донишҷӯён оид ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон;

- густариши таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди донишҷӯ;

- мусоидат намудан ба ҷалби донишҷӯён ҷиҳати пешбурди фаъолияти тарбиявии онҳо бо роҳи вусъат додани фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ (созмони ҷавонон, иттифоқи касаба ва дигар гурӯҳҳои ташаббускор).

## ФАСЛИ VI. БАХШИ ҲАМКОРИҲО ВА РОБИТАҲОИ БЕРУНА

**6.1**. Факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ фаъолияти худро дар асоси ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид ва мутакобилан судманди дуҷониба бо мақомоти сиёсати хориҷӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар институтҳои дохилӣ ва байналмилалӣ амалӣ менамояд.

**6.2.** Ҳамзамон факултет ва кафедраҳои тахассусии онро ба мақсад мувофиқ аст, ки дар мувофиқа бо раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ҳамкориро бо дигар марказҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои талсилоти олӣ, факултетҳои марбута ва кафедраҳои умумидонишгоҳи оид ба масъалаҳои мавриди назар ба роҳ монанд.

**6.3.** Масъалаи вусъати ҳамкориҳои беруна бо марказҳои бунуфузи ватанӣ ва хориҷӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии факултет қарор дошта, бо дарназардошти дурнамо тавсеаи робитаҳои беруна дар мувофиқа бо Донишгоҳи милли Тоҷикистон дар самтҳои зерин роҳандозӣ карда мешавад:

- имзои шартномаҳои дуҷониба бо мақомотҳои давлатӣ дар масъалаи ба кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон ва ҷалби донишҷӯён ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ;
- мусоидат намудан ба такмили бозомӯзии омӯзгорону донишҷӯён дар муассисаҳои бонуфузи илмӣ-таълимии ватанӣ ва хориҷӣ кишвар;
- тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои байнифакултетӣ ва байнидонишгоҳӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷӣ кишвар, аз ҷумла бо давлатҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкориҳои Шанхай;

вусъат додани ҳамкорҳои дуҷониба миёни олимони соҳаи сиёсати хориҷӣ бо ҳамкорони хориҷӣ;

- тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дарёфти грантҳо ва бурсияҳо ҷиҳати пешбурди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-методӣ.

## ФАСЛИ VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**7.1.** Барномаи рушди Факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултет бо иштироки кулли омӯзгорону кормандони факултет муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шуда, минбаъд барои қабул ба Шӯрои олимони Донишгоҳи милли Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**7.2**. Амали Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи милли Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 нисбат ба омӯзгорон, кормандон, ҳамкорон, соатбайъҳои факултет ва омӯзгорони дигар факултету кафедраҳои тахассусӣ ва умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз руйи нақшаҳои таълимии амалкунанда тадриси фанҳои мушаххасро амалӣ менамоянд, паҳн мегардад.

**7.3**. Аз руйи зарурат ба Барномаи мазкур тағйироту иловаҳо ворид кардан мумкин аст. Ворид намудани тағийру иловаҳо бо он тартибе, ки Барнома кабул шудааст, сурат мегирад.

**7.4.** Вазъи иҷрои Барнома аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ, муовинони декан ва роҳбарони сохторҳои марбутаи факултет, мудирони кафедраҳо мавриди омӯзиш ва назорати доимӣ қарор дода шуда, аз натиҷаи он ба Шӯрои олимони факултет ва Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузориш пешниход карда мешавад.

**Эзоҳ.** Барномаи рушди факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи милли Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони Факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ҷалби кулли омӯзгорону кормандони факултет рӯзи «29» августи соли 2022 (суратмаҷлиси № 1) муҳокима ва баррасӣ шуда, дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи милли Тоҷикистон санаи 30.08.2022 (суратмаҷлиси №1) пазируфта шудааст.